ҶАЛАСАИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 5 Январ, 2023 - 11:55
[1]

Рӯзи 5-уми январи соли 2023, соати 10:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита бо иштироки Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва

робита бо ҷомеа Пайшанбезода Муҳиддин, аъзои Ҳайати мушовараи Кумита, муовини раиси Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита доир гардид, ки дар он ҳисоботи ҷамъбастии фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 шунида шуд.
Дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита баъд аз шунидани гузориш роҷеъ ба фаъолияти Кумита дар соли 2022 Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Пайшанбезода Муҳиддин, аъзои Ҳайати мушовараи Кумита М. Абдураҳмонова, С. Раҳматуллозода ва Ш. Мансурӣ суханронӣ намуда, фаъолияти Кумитаро дар соли 2022 қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 4.9 (8 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://www.istilohot.tj/tg/content/chalasai-khayati-mushovarai-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-3?mini=2024-03

Пайвандҳо
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/DSC02522.JPG [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02522.JPG [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02530.JPG [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02532.JPG [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02535.JPG [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC02536.JPG